# Шаш насиҳати муҳим барои толибилм

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Абдуссатори Ҳақназар

2010 - 1431

islamhouse.com

# النصائح الست التي تهم طالب العلم

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حقنظر

2010 - 1431

islamhouse.com

Шаш насиҳати муҳим барои толибилм

Баноми Худованди бахшандаи меҳрубон

Бародарон ва хоҳарони толибилм:

Пеш аз ҳама сипос гузорем он Худоеро ки неъмати "Талабиилмро" барои мову шумо насиб гардонд. Дар ҳоле ки бисёри ҷавонон аз ин неъмати бузург бенасиб ҳастанд, ва албатта ин аз фазлу бузургии Худованд аст, ки мову шуморо аз зумраи "Толибилмон" гардонид. Ва ҳар яки мо бояд бидонем ки нисбати ин неъмат дар назди Худованд масъулияти бузурге дорем, ки агар ин масъулиятиро дарк накунем ва вазифаи худро нисбати ин неъмат адо накунем, дар рузи қиёмат ин неъмат барои мову шумо табдил ба азоб мегардад.

Худованд мефармояд:

﴿ ثُمَّ لَتُسْـَٔلُنَّ يَوْمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٨﴾ ﴾ التكاثر: ٨

«Сипас дар он руз (рузи қиёмат) аз (неъматҳое ки Худованд дар ин дунё бароятон додааст) пурсида мешавед».

Барои ҳамин бародарон ва хоҳарони гироми ин шаш насиҳати муҳимро аз китобҳо ва суханони бузургон ҷамъ карда  хостам барои шумо баён кунам то аз вазифа ва масъулияти худ огоҳ шавем.

Бародарон ва хоҳарони гироми!

Аввалан : Чизеки барои толибилмон зарур ва муҳим мебошад ихлос дар талаби илм аст.

Чун ҳадафи мо аз талаби илм ба даст овардани ризогии Худо мебошад, пас агар талаби илми мо холис барои̅ Худо набошад албатта ба он ҳадаф нахоҳем расид.

Ва инчунин ҳадафи мо аз баҷо овардани ҳамаи̅ авомири Худованд ва аъмоли нек ба даст овардани ризогии Худованд мебошад, пас бояд дар ҳамаи̅ аъмоли нек ва ибодатҳоямон ихлос барои̅ Худо дошта бошем.

Худованд мефармояд:

﴿ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ ۝٥ ﴾ البينة: ٥

***«Ва амр нашуданд магар инки мухлисона Худои якторо бипарастанд».***

Дуюмин: Чизеки барои толибилмон муҳим ва зарур аст ин: (Ғанимат донистани фароғати ва ҷавони) дар талаби илм. Фароғати бар талаби илм хоссатан дар марҳалаи ҷавони неъмати бузурге аст ки бисёри мардум аз он маҳруманд.

Пайғамбари Худо дар ҳадисеки онро ибни Аббос ривоят карда аст мефармояд:

"نعمتان مغبون فيهما كثير من الناس: الصحة والفراغ " رواه البخاري والترمذي وابن ماجة .

***«Ду неъматест ки бисёри мардум аз он маҳруманд саломати ва фароғати».***

Эмом Шофиъи мегуяд:

" الوقت كالسيف إن لم تقطعه قطعك "

(Вақт ҳамонанди шмшерест агар ту уро набури у туро хоҳад бурид)

Яъне: Вақт ва умри инсон монанди шамшери тезе аст ки агар инсон онро ғанимат надонад пас ҳарчи зудтар умри уро аз байн бурда ва уро ба пушаймониҳо рубару мекунад. инчунин марҳалаи ҷавони беҳтарин марҳала дар умри инсон аст чун инсон дар ин марҳала қудрати таҳаммул кардани мушкилотро дорад, аммо вақте пири бар сари инсон биёяд ба мушкилоти зиёд ва нотавонои рубару мешавад. Шоъири араб мегуяд:

ألا ليت الشباب يعود يوما        فأخبره بما فعل المشيب

(Эй кош ҷавониям баргардад, то барояш бигуям ки пири бо ман чи кардааст.)

Худованд дар васфи асҳоби каҳф ки Ҷавонон буданд мефармояд:

﴿ نَّحۡنُ نَقُصُّ عَلَيۡكَ نَبَأَهُم بِٱلۡحَقِّۚ إِنَّهُمۡ فِتۡيَةٌ ءَامَنُواْ بِرَبِّهِمۡ وَزِدۡنَٰهُمۡ هُدٗى ١٣ ﴾ الكهف: ١٣

***«Эшон Ҷавовоне буданд ки ба парвардигорашон эмон доштанд ва мо бар ҳидояташон афзудем».***

Ибни Касир дар тафсири оят мегуяд:

Худованд ёд кард ки онҳо ҷавонон будуанд, чун ҷавонон наздиктар барои қабул кардани ҳақ ва ҳидоят ёфтан басуи ҳақ нисбат ба калонсолон ҳастанд, ва барои ҳамин бисёри касонеки даъвати пайғамбари Худо иҷобат карда буданд ҷавонон буданд аммо бисёри калонсолони Қурайш ба куфру гумроҳи мурданд.

Пас ҷавони ва фароғатиро дар талаби илм ғанимат дониста дар ончизеки ба фоидаи дини ислом ва ватани азизамон аст сарфаш кунем.

Чун пешрафтии ҳар муҷтамаъ вобастаги ба ҷавононаш дорад.

<u>Сеюм</u>: Кушиш ва саъи кардан дар талаби илм.

Бародарон ва хоҳарони гироми талаби илм заҳматҳо ва кушишҳои зиёде аз инсон талаб мекунад.

Уламоеки дар дини ислом хидматҳо карданд ва китобҳо навистанд вақтҳои худро ҳамеша дар кушишу заҳмат мегузарониданд, ва як соъат вақт беҳуда гузаштан барои онҳо мусибати калон буд.

Пас агар моҳам бихоҳем ки дар дини ислом ва ватани азизамон хидмат кунем бояд шабҳоро бедори карда машғул ба талаби илм шавем.

Шоъири араб мегуяд:

تَرُوم العُلا ثُمّ تنامُ ليلاً　　　سَهِر الليالي مَن طَلب العُلا

(Ту орзуи баланд мартабагиро мекуни ва шабҳоро дар хобу ғафлат мегузарони, агар ту ба ин ҳол боши ҳаргиз ба орзуят намераси, чун касонеки орзуи баланд мартабаги мекунанд шабҳои худро дар бедори ва кушишу заҳмат мегузаронанд.)

<u>Чаҳорум</u>: Дури ҷустан аз маъсият ва гуноҳ.

Илм бузургтарин неъмат ва нуре аз ҷониба худованд аст ки барои бандагони гунаҳгораш ин нуру равшаниро насиб намегардонад.

Имом Шофиъи мегуяд:

شَكوتُ إلى وَكِيع سُوءَ حِفظِي　　　فأرشَدَني إلى تَركِ المَعاصي

وأخبرني بأن العلمَ نُورٌ مِن إلهي　　　ونورُ اللهِ لا يُعطَى لِعاصِي .

«Ман назди устодам (ки номаш Вакиъ буд) рафта аз мушкилоти ҳифзам шикоят кардам, пас устодам манро насиҳат ба дури ҷустан аз маъсият кард, ва манро хабар дод ки илм нуре аз ҷониби Худованд аст ки Худованд ин нурашро барои бандагони гунаҳгор намедиҳад».

<u>Панҷум:</u> Амал кардан ба илм.

Баъд аз онки Худованд талаби илмро насиб гардонид ва соҳиби илм шуди муҳимтарин чиз бароят амал

кардан ба он илм аст, зеро илми бе амал фойдае надорад.

Чуноне дар забони араби мегуянд:

العِلمُ بِلاَ عَمَلٍ          كالشجرةِ بِلاَ ثَمَرٍ

«Илмеки дар он амал набошад монанди дарахти бе мева аст».

Балки дарахти бе мева аз илми бе амал беҳтар аст, зеро дарахт агар бе мева ҳам бошад мардум аз сояаш истифода мебаранд.

Аммо илмеки бе амал бошад соҳибашро дар дунё ва охират бадбахт ва ҳалок месозад.

Худованд дар илми бе амал мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ۝٢ كَبُرَ مَقۡتًا عِندَ ٱللَّهِ أَن تَقُولُواْ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ۝٣ ﴾ الصف: ٢ – ٣

((Эй касоне, ки имон овардаед, чаро суханоне мегӯед, ки иҷро намекунед?

Худованд сахт ба хашм меояд, ки чизе бигӯеду ба ҷой наёваред.))

<u>Шашум:</u> Таълим додани илм ба дигарон.

Муҳимтарин чиз барои олим ва талабкунандаи илм баъд аз амал кардан ба илм, таълим додани илм ба дигарон аст. Ва касе ки илмашро ба дигарон таълим

медиҳад аз ҷумлаи беҳтарини мардум ба шумор меравад.Дар ҳадиси дигаре ки ҳазрати Усмон онро ривоят карда аст пайғамбари худо мефармояд:

"خيركم من تعلم العلم وعلمه" أخرجه البخاري .

((***Беҳтарини шумо касе аст ки илмро биомузад ва ба дигарон биёмузонад)).***

Инчунин пайғамбари Худо дар ҳадисҳои зиёд умматашро барои пахш кардани илм амр кард аст.

Дар ҳадиси дигар ки ҳазрати Абдуллоҳ ибни Амр онро ривоят карда аст пайғамбари худо мефармояд:

"بلغوا عني ولو آية " رواه البخاري .

«***Бирасонед аз ман агарчи як оятҳам бошад***.

Дар ҳадисҳои дигар пайғамбари Худо барои касонеки илмашонро аз дигарон мепушонанд ( илм доранд ва мардумро таълим намедиҳанд) ваъидҳои зиёде дода аст. Аз ҷумла ҳадисеки Абуҳурайра онро ривоят карда аст пайғамбари Худо мефармояд:

"من سُئِل عن عِلمٍ فَكَتَمَهُ، أُلجِمَ يومَ القيامة بِلِجَام مِن نار" رواه أبو داود والترمذي وقال حديث حسن .

***Касеро аз илме (илмеки дорад) пурсида шавад ва онро бипушонад, рузи қиёмат барояш лаҷоме аз оташ зада мешавад.***

Аз Худованд талаби дуъо мекунем ки илми бо амал, ва дури аз гуноҳу маъсиятро насибамон гардонад.